«Тасдиқ мекунам»:

Ректор ________А. А. Раҳмонов

«_____»_____________соли 2014

**Тартиби**
**истифодабарии китобхонаи электронии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ**

**1.Қоидаҳои умумӣ**

**1.1.**Тартиби мазкур мақсад, вазифаҳо ва ӯҳдадориҳои мутасаддиён ва истифодабарандагони китобхонаи электронии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ (минбаъд Донишгоҳ)-ро муайян мекунад.

**1.2.**Китобхонаи электронӣ ҷузъи таркибӣ ва сохтории китобхонаи илмии Донишгоҳ махсуб ёфта, мақсади он истифодабарандагон (омӯзгорону кормандон, магистрон, аспирантон, докторантон ва донишҷӯён)-ро бо маводҳои таълимӣ, илмӣ, методӣ ва адабию бадеӣ, навгониҳо дар соҳаи илму техника тавассути базаи маълумотҳо ва шабакаи Интернет ошно сохтан мебошад.

**1.3.**Тартиби мазкур дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ», Низомнома оид ба низоми кредитии таҳсилот дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон», Оинномаи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, Низомномаи Донишгоҳ давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, Низомнома оид ба низоми кредитии таҳсилот дар Донишгоҳ давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, Низомномаи Маркази бақайдгирӣ ва машваратӣ, Низомномаи китобхонаи илмии Донишгоҳ ва дигар санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии соҳаи маориф таҳия шудааст.

2.**Оид ба вазифаҳои китобхонаи электронӣ ва масъулияти кормандони он**

2.1.Китобхонаи электронӣ дар базаи маълумотҳои компютерҳои худ, ки дар ду толори муҷаҳҳаз гирд оварда шудаанд, оид ба фанҳои таълимии ихтисосҳо маводи таълимӣ, илмӣ, методӣ, адабӣ, бадеӣ, сиёсӣ ҷамъиятии фаровонро ғун карда, барои истифодабарии омӯзгорону кормандон, докторантон, аспирантон, магистрон ва донишҷӯён пешниҳод менамояд;

2.2.Китобхонаи электронӣ ҳамарӯза аз соати **8-00** то соати **17-00** фаъолият менамояд;

2.3.Барои таъмини фаъолияти бенуқсони ҳар ду толори китобхонаи электронӣ аз ҳисоби ҳайати штатии китобхонаи илмӣ ду воҳиди корӣ ҷудо карда мешавад;

2.4.Кормандони китобхонаи электронӣ дар бобати аз базаи маълумотҳои компютерии китобхонаи илмӣ маводҳои электрониро гирифта, ба базаи маълумотҳои компютерҳои китобхонаи электронии Донишгоҳ ворид намудан масъул мебошанд;

2.5. Китобхонаи электронӣ аз ҷиҳати мансубияти сохторӣ ҷузъи таркибии Китобхонаи илмӣ ва Маркази бақайдгирию машваратӣ ба ҳисоб меравад;

2.6. Кормандони китобхонаи электронӣ оид ба фаъолияти худ ба директори китобхонаи илмӣ ва директори Маркази бақайдгирӣ ва машваратӣ охири ҳар ҳафта, ҳар моҳ, ҳар семоҳа, нимсола ва охири соли таҳсил ҳисобот пешниҳод менамоянд;

2.7. Директори китобхонаи илмӣ ва директори МБМ дар асоси ҳисоботи кормандони китобхонаи электронӣ ба унвони Раёсати Донишгоҳ ҳисоботи ҳарҳафтаина, моҳона, семоҳа, нимсолаю солона ирсол менамоянд;

2.8. **Кормандони китобхонаи электронӣ вазифадоранд:**

- фаъолияти китобхонаи электрониро ҳамарӯза аз соати 8:00 то 17:00 (ба истиснои давраи имтиҳонҳои фосилавии 1 ва 2, сессияи имтиҳонҳои ҷамъбастӣ) таъмин намоянд;
- дафтари бақайдгирии иштироки омӯзгорон ва донишҷӯёнро таъсис дода, давомоти онҳоро ба қайд гирифта , ҳамарӯза маълумотҳои онро ба компютери китобхонаи электронӣ ворид созанд;
- вазъи ба базаи маълумотҳои компютерҳои китобхонаи электронӣ ворид намудани маводҳои илмӣ, методӣ, таълимӣ, сиёсӣ, адабию бадеиро аз ҷониби кормандони китобхонаи илмӣ назорат намоянд:
- ҳолати ба базаи маълумотҳои компютерҳои китобхонаи электронӣ ворид намудани маводҳои таълимӣ: китобҳои дарсӣ, дастурҳои таълимӣ, стандартҳои давлатӣ аз рӯи ихтисос , барномаҳои таълимии заминавӣ, барномаҳои кори таълимии ихтисосҳо ва фанҳои таълимиро аз ҷониби мудирони кафедраҳо, омӯзгорони фаннӣ ва кормандони сохторҳои дигар назорат намуда, аз натиҷаи он ба Раёсати таълим ва қисми илм маълумотнома ирсол намоянд;
- пас аз анҷоми кор бо воситаҳои компютерӣ дар назди истифодабаранда фаъолияти бенуқсони компютерҳо ва ҷузъҳои онҳоро санҷида, дар ин хусус имзои истифодабаранда (омӯзгор ё донишҷӯ-ро дар дафтари бақайдгирӣ сабт намояд;
- дар бобати корношоям шудани компютерҳо ва ҷузъҳои онҳо аз тарафи истифодабарандагон якҷоя бо директори МБМ оид ба ин рӯйдод санад тартиб диҳанд ва масъулияти таъмиру барқароркунии компютер ва ё ҷузъҳои онҳоро ба зиммаи истифодабарандагон вогузор намоянд;
- оид ба вазъи тозагӣ ва ҳолати санитарию гигиении толорҳои китобхонаи электронӣ масъул мебошанд;

- ҳамасола ду маротиба: моҳҳои сентябр ва январ дар ташҳиси компютерҳои китобхонаи электронӣ, ки кормандони Маркази хизматрасониҳои техникӣ ва коммуникатсионӣ, ки якҷоя бо кормандони МБМ мегузаронанд, иштирок намуда, тибқи санад аз онҳо компютерҳоро қабул кунанд;

**3.Оид ба вазифаҳо ва масъулияти кормандони Маркази хизматрасонии техникӣ ва коммуникатсионӣ дар китобхонаи электронӣ**

3.1 Мудир ва кормандони Маркази хизматрасонии техникӣ ва коммуникатсионӣ дар иҷрои корҳои зерин дар китобхонаи электронӣ мутасаддӣ мебошанд:

- ҳамасола ду маротиба: моҳҳои сентябр ва январ оид ба вазъи фаъолияти компютерҳо ва ҷузъҳои онҳо ташхис гузаронанд;
- вобаста ба натиҷаи ташхис таъмири воситаҳои компютериро гузаронида, дар асоси санад коршоям будани ҳар як воситаи компютериро дақиқ намуда, онҳоро ба кормандони китобхонаи электронӣ супоранд;
- кори хати Интернет ва фаъолияти шабакаи интернетиро дар сохторҳо,факултету кафедраҳо, синфхонаҳои компютери ва китобхонаи электрониро доимо зери назорати қатъӣ қарор диҳанд;
- компютерҳои китобхонаи электрониро аз тариқи барномаи «Антивирус» мунтазам безарар гардонанд;
- дар сурати сар задани ҳолатҳои фавқулода ҷиҳати таъмир ва барқарор сохтани компютерҳо ва хати Интернет тадбирҳо андешанд.

**4. Оид ба масъулияти директор ва кормандони Маркази бақайдгирӣ ва машваратӣ дар китобхонаи электронӣ**

4.1. Масъулияти истифодабарии китобхонаи электронӣ дар давраи баргузории имтиҳонҳои фосилавии якум ва дуюм (рейтинги 1,2), имтиҳоноти ҷамъбастӣ (сессияи зимистона ва тобистона), гузаронидани триместрҳои зимистона ва тобистона пурра ба зиммаи директор ва кормандони Маркази бақайдгирӣ ва машваратӣ гузошта мешавад:

4.2. Директор ва кормандони МБМ вазифадор мебошанд:

- 2 рӯз қабл аз оғози имтиҳонҳои фосилавӣ ба муҳлати аз як то ду ҳафта тибқи талаботи нақшаҳои таълимӣ ва тақвими академӣ аз кормандони китобхонаи электронӣ бо иштироки намояндаи Маркази хизматрасониҳои техникӣ ва коммуникатсионӣ компютерҳо ва вазъи муътадили кори онҳоро тибқи санад қабул намоянд;
- бо анҷом ёфтани муҳлати имтиҳонҳои фосилавӣ боз бо ширкати се ҷониб: МБМ, кормандони китобхонаи электронӣ ва кормандони Маркази хизматрасониҳои техникӣ ва коммуникатсионӣ санад тартиб дода, компютерҳоро ба кормандони китобхонаи электронӣ супоранд;
- 3 рӯз пеш аз баргузории сессияи имтиҳонӣ компютерҳоро тибқи санад аз кормандони китобхонаи электронӣ қабул намоянд;
- масъулияти риояи тозагӣ ва қоидаҳои гегиению санитарии ҳарду толори китобхонаи электрониро дар давраи баргузории имтиҳоноти фосилавии 1-ум, 2-юм, имтиҳоноти ҷамъбастӣ ва триместр бар дӯш доранд;

- ҳифзи мизу курсиҳо, компютерҳо ва ҷузъҳои он, тахтаи электронӣ ва проектори китобхонаи электрониро пурра ба зимма дошта, дар сурати муайян намудани ҳодисаи корношоямии воситаҳои компютерӣ нуқсонҳои техникии онҳоро аз ҳисоби худашон бартараф намоянд;
- дар рӯзҳои қабули монитории имтиҳонҳои фосилавӣ, имтиҳоноти ҷамъбастӣ ва триместр навбатдории кормандонро таъмин намоянд.

Аз натиҷаи фаъолияти толорҳои китобхонаи электронӣ ва вазъи техникии компютерҳои он дар давраи гузаронидани имтиҳоноти фосилавӣ, имтиҳоноти ҷамъбастӣ ва триместр ба унвони Ректори Донишгоҳ охири ҳар ҳафта гузориши хаттӣ манзур намоянд.

## 5. Оид ба вазифаҳои истифодабарандагони компютерҳои китобхонаи электронӣ

5.1.Истифодабарандагони компютерҳои китобхонаи электронӣ омӯзгорону кормандон, донишҷӯёни зинаи бакалавриат ва магистратура, аспирантону докторантон маҳсуб меёбанд;

5.2 Вазифаи омӯзгорону кормандон, донишҷӯёни зинаи бакалавриат ва магистратура, аспирантону докторантон дар вақти истифодаи компютерҳои китобхонаи электронӣ аз инҳо иборат аст:
- истифода бурдани компютер барои иҷрои амале ё коре, ки ба фаъолияти таълимӣ, илмӣ, тарбиявӣ ва касбии ӯ алоқаманд аст;
- ҳангоми кор ба вазъи техникӣ ва коршоямии компютер эътибор дода, дар ҳузури корманди китобхонаи электронӣ ба дурустии кори компютер боварӣ ҳосил намоянд;
- ба зуҳуроти корношоям сохтани компютер ва ҷузъҳои он бо амалҳои беэҳтиётӣ ва ҳолатҳои дигари тасодуфӣ роҳ надиҳанд;
- дар сурати муайян намудани рӯйдоди аз ҷониби омӯзгор, корманд, донишҷӯ, магистр ва докторант бемасъулиятӣ зоҳир намудан дар бобати истифодабарии компютер нисбат ба онҳо бо пешниҳоди директори МБМ ва директори китобхонаи илмӣ ба онҳо муҷозот таъин карда мешавад.

## 6. Муқаррароти хотимавӣ

6.1 Тартиби мазкур бо қарори Шӯрои олимон тасдиқ шуда, ҳангоми ворид гардидани тағйироту иловаҳо ба бандҳои марбутаи Оиннома, Низомномаи Донишгоҳ, Низомномаи низоми кредитии таҳсилот дар Донишгоҳ, Низомномаи МБМ ва Низомномаи китобхонаи илмӣ ба бандҳои он низ тағйироту иловаҳо дохил карда мешавад.

6.2 Фаъолияти Тартиби истифодабарии китобхонаи электронии Донишгоҳ бо қарори Шӯрои олимон қать карда мешавад.